## Шарҳи мухтасари натиҷаи назарсанҷии нуқтаҳои мубодилаи асъор оид ба фаъолият ва назорат аз болои онҳо

Дар асоси Фармоиши №5 аз 16 ноябри соли 2015 аз ҷониби Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва бозомӯзии кормандон аз 16 то 20-уми ноябри соли равон оид ба фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи асъор дар ш.Душанбе ва назорат аз болои онҳо, инчунин дастрас намудани маълумот доир ба вазъи имрӯзаи бозори асъор назарсанҷӣ гузаронида шуд.

Ҳадафи назарсанҷии мазкур муайян кардани сатҳу сифати хизматрасониҳои нуқтаҳои мубодилаи асъор, аз ҷумла: таъсирбахшии назорати намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон ба фаъолияи онҳо, ҷамъоварии маълумот доир ба муайянкунии вазъи арзиши хариду фурӯши асъори хориҷӣ дар бозори асъор баҳисоб меравад.

Қайд кардан бомаврид аст, ки назарсанҷии мазкур имконият медиҳад, ки дар ҳамин асос барои беҳтарсозии хизматрасониҳои нуқтаҳои мубодилаи асъор ва рафъи камбудиҳои ошкоргардида аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешида шавад.

Дар назарсанҷии мазкур 90 нуқтаи мубодилаи асъори ш. Душанбе (минбаъд респондентон) иштирок намуданд. Назарсанҷии мазкур мутобиқ ба қоидаҳои аз ҷониби Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва бозомӯзии кормандон омодагардида амалӣ карда шуд, ки натиҷаи он чунин баҳо дода мешавад. *(ниг.ҷадвали 1.).*

***Ҷадвали 1. Давраҳои тафтиши нуқтаҳои мубодилаи асъор аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон (нафар/фоиз)***

| № | Нишондиҳанда | Шумораи ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҳаҷми умумӣ (бо %) |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Шумораи умумии респондентон** | **90** | **100,0** |
| **2.** | **Шуморо аз ҷониби БМТ чанд маротиба тафтиш мегузаронанд?** | | |
| | *а.1 маротиба дар як моҳ* | 51 | 56,7 |
| | *б. 2 маротиба дар як моҳ* | 12 | 13,3 |
| | *в. 3 маротиба дар як моҳ* | 2 | 2,2 |
| | *г. зиёда аз 3 маротиба дар як моҳ* | 2 | 2,2 |
| | *д. ҳар семоҳа 1 маротиба* | 21 | 23,3 |
| | *е. умуман тафтиш намегузаронанд* | 2 | 2,2 |

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида респондентон тафтиши назоратии аз ҷониби намояндаи Бонки миллии Тоҷикистонро чунин шарҳ доданд: теъдоди 51 нафар ё 56,7 фоиз 1 маротиба дар як моҳ, 12 нафар ё 13,3 фоиз 2 маротиба дар як моҳ, 2 нафар ё 2,2 фоиз 3 маротиба дар як моҳ, 2 нафар ё 2,2 фоиз зиёда аз 3 маротиба дар як моҳ, 21 нафар ё

23,3 фоиз ҳар семоҳа як маротиба ва 2 нафар ё 2,2 фоизи дигар умуман тафтиш намегузаронанд ибрози ақида намуданд. *(ниг. диаграммаи 1.).*

***Диаграммаи 1. Давраҳои тафтиши нуқтаҳои мубодилаи асъор аз ҷониби аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон (бо фоиз)***




Назари респондентон оид ба қаноатмандӣ аз тафтишҳои гузаронидаи намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон чунин ҷамъбаст гардид. *(ниг. ҷадвали 2.).*

***Ҷадвали 2. Назари респондентон нисбати тафтишҳои гузаронидаи Бонки миллии Тоҷикистон (нафар/фоиз)***

| **№** | **Нишондиҳанда** | **Шумораи ҷавобҳо (нафар)** | **Ҳисса аз ҳаҷми умумӣ (бо %)** |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Шумораи умумии респондентон** | **90** | **100,0** |
| **2.** | **Шумо аз тафтишҳои гузаронидаи намояндаи БМТ розӣ ҳастед?** | | |
| | *а. Ҳа* | *81* | *90,0* |
| | *б. Не* | *9* | *10,0* |

Маълумотҳои ҷамъбастгардида шаҳодати онро медиҳанд, ки аз шумораи умумии респондентон 81 нафар ё 90,0 фоиз нисбати тафтишҳои гузаронидашудаи намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон розигии худро баён намуда ҳамзамон 9 нафар ё 10,0 фоизи боқимонда норозигии худро изҳор намуданд. *(ниг диаграммаи 2.).*

***Диаграммаи 2. Ақидаи респондентон нисбати тафтишҳои Бонки миллии Тоҷикистон (бо фоиз)***



Доир ба масъалаи ошкор шудани камбудиҳо дар натиҷаи тафтишҳои гузаронидаи намояндаи Бонки миллии Тоҷикистон назари респондентон чунин арзёбӣ гардид *(ниг. ҷадвали 3.)*.

***Ҷадвали 3. Ошкоршавии камбудиҳо дар натиҷаи тафтишҳои Бонки миллии Тоҷикистон (нафар/фоиз)***

| № | Нишондиҳанда | Шумораи ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҳаҷми умумӣ (бо %) |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Шумораи умумии респондентон** | **90** | **100,0** |
| **2.** | **Оё дар натиҷаи тафтишҳои гузаронидаи намояндаи БМТ камбудиҳо ошкор мегардад ё не?** | | |
| | *а. Ҳа* | *58* | *64,4* |
| | *б. Не* | *32* | *35,6* |

Дар асоси маълумотҳои ҷамъовардашуда мушоҳида мегардад, ки аз шумораи умумии респондентон 58 нафар ё 64,4 фоизашон тасдиқ карданд, ки дар натиҷаи тафтишҳои назоратии намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон камбудиҳо ошкор мегардад. Вале 32 нафар ё 35,6 фоизи дигар иброз намуданд, ки камбудиҳои зиёд дар рафти фаъолияташон ошкор нагардидааст. *(ниг. диаграммаи 3.)*.

***Диаграммаи 3. Ошкоршавии камбудиҳо дар натиҷаи тафтишҳои Бонки миллии Тоҷикистон (фоиз)***




Нисбати саволи навбатии пурсишнома, ки дар натиҷаи ошкор шудани камбудиҳо аз ҷониби намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон чӣ чораҳо андешида мешавад, назари респондентон чунин ҷамъбаст гардид. *(ниг. ҷадвали 4.)*.

***Ҷадвали 4. Ошкоршавии камбудиҳо дар натиҷаи тафтишҳои Бонки миллии Тоҷикистон (нафар/фоиз)***

| № | Нишондиҳанда | Шумораи ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҳаҷми умумӣ (бо %) |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Шумораи умумии респондентон** | **90** | **100,0** |
| **2.** | **Оё дар натиҷаи ошкор шудани камбудӣ намояндаи БМТ Шуморо ҷарима мекунад?** | | |
| | *а. Ҳа* | *78* | *86,7* |
| | *б. Не* | *12* | *13,3* |

Тибқи маълумотҳои ҷамъбастгардида аз шумораи умумии респондентон 78 нафар ё 86,7 фоизашон иброз намуданд, ки дар натиҷаи ошкор шудани камбудиҳо аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҷарима баста мешавад. Вале 12 нафар ё 13,3 фоизи дигар қайд намуданд, ки ҷарима баста намешавад. *(ниг. диаграммаи 4.).*

***Диаграммаи 4. Ошкоршавии камбудиҳо дар натиҷаи тафтишҳои Бонки миллии Тоҷикистон (нафар/фоиз)***




Нисбати саволи пурсишнома, ки оё ҷаримаҳои басташудаи Бонки миллии Тоҷикистон таъсирбахшанд ё не респондентон ба тарзи зайл иброз намуданд. *(ниг. ҷадвали 5.).*

***Ҷадвали 5. Таъсирбахшии ҷаримаҳои БМТ дар натиҷаи ошкор шудани камбудиҳо (нафар/фоиз)***

| № | Нишондиҳанда | Шумораи ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҳаҷми умумӣ (бо %) |
|---|---|---|---|
| 1. | **Шумораи умумии респондентон** | **90** | **100,0** |
| 2. | **Оё ҷаримаҳои аз ҷониби БМТ кардашуда таъсирбахшанд ё не?** | | |
| | *а. Ҳа* | *79* | *87,8* |
| | *б. Не* | *11* | *12,2* |

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида аз шумораи респондентон 79 нафар ё 87,8 фоиз ҷаримаҳои Бонки миллии Тоҷикистонро таъсирбахш шумориданд, теъдоди 11 нафар ё 12,2 фоизи боқимонда иброз намуданд, ки ҷаримаҳои басташудаи Бонки миллии Тоҷикистон таъсирбахш нестанд. *(ниг. диаграммаи 5.).*

***Диаграммаи 5. Таъсирбахшии ҷаримаҳои БМТ дар натиҷаи ошкор шудани камбудиҳо (фоиз)***



Ҷавоби респондентон нисбати анҷом додани амалҳои ба талабот ҷавобгӯ набуда аз ҷониби намояндоҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар рафти тафтишҳо чунин ҷамъбаст гардид. *(ниг. ҷадвали 6.).*

***Ҷадвали 6. Анҷом додани амалҳои ба талабот ҷавобгу набуда аз ҷониби намояндаи БМТ, ки дар тафтиш иштирок менамояд (нафар/фоиз)***

| № | Нишондиҳанда | Шумораи ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҳаҷми умумӣ (бо %) |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Шумораи умумии респондентон** | **90** | **100,0** |
| **2.** | **Оё аз ҷониби намояндаи БМТ дар рафти тафтиш амалҳои ба талабот ҷавобгӯ набуда ба назар мерасад ё не?** | | |
| | *а. Ҳа* | *25* | *27,8* |
| | *б. Не* | *65* | *72,2* |

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида теъдоди 25 нафар ё 27,8 фоизи респондентон иброз доштанд, ки дар рафти тафтишҳо аз ҷониби намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон амалҳои ба талабот ҷавобгӯ ба назар мерасад. Вале теъдоди 65 нафари боқимонда ё 72,2 фоизи дигар тасдиқ намуданд, ки дар рафти тафтишҳои назоратӣ аз ҷониби намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон амалҳои ба талабот ҷавобгӯ ба назар намерасад. *(ниг. диаграммаи 6.).*

***Диаграммаи 6. Анҷом додани амалҳои ба талабот ҷавобгу набуда аз ҷониби намояндаи БМТ, ки дар тафтиш иштирок менамояд (фоиз)***




Нисбати тафтишҳои назоратии намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон, ки оё ба фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи асъор халал мерасонанд ё не респондентон чунин ҷавобҳо доданд. *(ниг.ҷадвали 7.).*

***Ҷадвали 7. Таъсири тафтишҳои БМТ ба фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи асъор (нафар/фоиз)***

| № | Нишондиҳанда | Шумораи ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҳаҷми умумӣ (бо %) |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Шумораи умумии респондентон** | **90** | **100,0** |
| **2.** | **Оё тафтиши гузаронидаи намояндаи БМТ ба фаъолияти Шумо халал мерасонад?** | | |
| | *а. Ҳа* | *7* | *7,8* |
| | *б. Не* | *83* | *92,2* |

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида аз шумораи умумии респондентон 7 нафар ё 7,8 фоизашон иброз намуданд, ки тафтишҳои назоратии намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар рафти фаъолияти корӣ гузаронида мешаванд, ба фаъолияти мо халал мерасонанд. Теъдоди 83 нафар ё 92,2 фоизи респондентҳо тафтишҳои назоратии Бонки миллии Тоҷикистонро тарафдорӣ намуда иброз доштанд, ки ба фаъолияташон ин гуна тафтишҳо халал намерасонад ва баръакс камбудиҳоро ошкор намуда, сари вақт ислоҳ менамоем. *(ниг. диаграммаи 7.).*

***Диаграммаи 7. Таъсири тафтишҳои БМТ ба фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи асъор (нафар/фоиз)***




Нисбати саволи навбатии пурсишнома, ки ба таври зерин оварда шуда буд: Ба ғайр аз намояндаи БМТ боз кадом сохтор нуқтаи мубодилаи асъори Шуморо тафтиш мегузаронад?, респондентон чунин иброз намуданд. *(ниг. ҷадвали 8.).*

***Ҷадвали 8. Гузаронидани тафтиш дар нуқтаҳои мубодилаи асъор аз ҷониби дигар сохторҳо (нафар/фоиз)***

| № | Нишондиҳанда | Шумораи ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҳаҷми умумӣ (бо %) |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Шумораи умумии респондентон** | **90** | **100,0** |
| **2.** | **Ба ғайр аз намояндаи БМТ боз кадом сохтор нуқтаи мубодилаи асъори Шуморо тафтиш мегузаронад?** | | |
| | *а. намояндаи Кумитаи андоз* | *11* | *12,2* |
| | *б. намояндаи Прокуратура* | *47* | *52,2* |
| | *в. намояндаи дигар сохтор* | *18* | *20,0* |
| | *е. не дигар сохтор тафтиш намегузаронад* | *14* | *15,6* |

Маълумотҳои ҷамъбастгардида шаҳодати онро медиҳанд, ки ба ғайр аз намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи асъорро сохторҳои дигар низ тафтишу назорат менамоянд. Мувофиқи пешниҳодҳои респондентон, ки дар замима оварда шудааст тафтишҳои назоратӣ аз рӯи фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи асъор аз ҷониби сохторҳои дигар зиёд аст ва ба фаъолияташон ин гуна тафтишҳо то андозае халал мерасонад.

Аз шумораи умумии респондентон теъдоди 11 нафар ё 12,2 фоиз иброз намуданд, ки намояндагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 47 нафар ё 52,2 фоиз намояндаи Прокуратура ва 18 нафар ё 20,0 фоиз намояндаи дигар сохторҳо тафтиш мегузаронанд. Танҳо 14 нафар ё 15,6 фоизи респондентҳо иброз намуданд, ки дигар сохторҳо аз болои фаъолияти онҳо тафтиш намегузаронад. *(ниг. диаграммаи 8.).*

***Диаграммаи 8. Гузаронидани тафтиш дар нуқтаҳои мубодилаи асъор аз ҷониби дигар сохторҳо (фоиз)***




Саволи навбатие, ки дар пурсишнома ба таври зерин ҷойгир шуда буд: *"Вақтҳои охир бо сиёсати нави асъории пешгирифтаи БМТ шумораи тафтишҳо аз ҷониби дигар сохторҳо кам шудааст ё не?*, ҷавоби респондентон чунин ҷамъбаст гардид. *(ниг. ҷадвали 9.).*

***Ҷадвали 9. Гузаронидани тафтиш дар нуқтаҳои мубодилаи асъор аз ҷониби дигар сохторҳо (нафар/фоиз)***

| № | Нишондиҳанда | Шумораи ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҳаҷми умумӣ (бо %) |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Шумораи умумии респондентон** | **90** | **100,0** |
| **2.** | **Вақтҳои охир бо сиёсати нави асъории пешгирифтаи БМТ шумораи тафтишҳо аз ҷониби дигар сохторҳо кам шудааст ё не?** | | |
| | *а. Ҳа* | *68* | *75,6* |
| | *б. Не* | *22* | *24,4* |

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида теъдоди 68 нафар ё 75,6 фоизи респондентон тасдиқ намуданд, ки баъд аз тағйир ёфтани сиёсати асъории Бонки миллии Тоҷикистон дар моҳҳои охир шумораи тафтишҳои назоратие, ки аз ҷониби дигар сохторҳо пайваста сурат мегирифт, кам гардиданд. Вале теъдоди 22 нафар ё 24,4 фоиз иброз намуданд, ки мутаасифона шумораи тафтишҳои назорати аз ҷониби дигар сохторҳо то ҳол пайваста зиёд шуда истодааст. Мувофиқи пешниҳодҳои респондентон, ки дар замима оварда шудааст, ин гуна тафтишҳои назоратӣ ба фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи асъор таъсири манфӣ мерасонад ва респондентон хоҳиш намуданд, ки агар Бонки

миллии Тоҷикистон кӯмак расонида шумораи ин гуна тафтишҳоеро, ки аз ҷониби дигар сохторҳо пайваста сурат мегиранд, аз байн барад, он гоҳ фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи асъор самаранок мегардад. *(ниг. диаграммаи 9.).*

***Диаграммаи 8. Гузаронидани тафтиш дар нуқтаҳои мубодилаи асъор аз ҷониби дигар сохторҳо (нафар/фоиз)***




**Б**а саволи муайянкунии шаклҳои реҷаи қурби асъори хориҷӣ нисбати пули миллии сомонӣ, респондентҳо чунин ҷавоб доданд: реҷаи озод шинокунанда 55 нафар ё 61,1 фоиз, реҷаи шинокунандаи танзимшаванда 15 нафар ё 16,7 фоиз, реҷаи муқаррарнамоии ҳудудҳои асъорӣ 11 нафар ё 12,2 ва реҷаи қурби муқарраршудаи асъор 9 нафар ё 10,0 фоиз. *(ниг. ҷадвали 1.).*

***Ҷадвали 10. Ҷавобҳои респондентҳо ҷиҳати муайянкунии реҷаи қурби асъори хориҷӣ нисбати пули миллии сомонӣ (нафар/фоиз)***

| № | Нишондиҳанда | Шумораи ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҳаҷми умумӣ (бо %) |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Шумораи умумии респондентон** | **90** | **100,0** |
| **2.** | **Шумо кадом реҷаи муқаррар кардани қурби асъори хориҷиро нисбати сомонӣ зарур мешуморед?** | | |
| | *а.реҷаи озод шинокунанда* | *55* | *61,1* |
| | *б. реҷаи шинокунандаи танзимшаванда* | *15* | *16,7* |
| | *в. реҷаи муқаррарнамоии ҳудудҳои асъорӣ* | *11* | *12,2* |
| | *г. Реҷаи қурби муқарраршудаи асъор* | *9* | *10,0* |

**А**гар ба таркиби ин маълумотҳо назар афканем, баръало дида мешавад, ки ҳиссаи зиёда аз 61,1 фоиз ё 55 нафари респондентҳо реҷаи озод шинокунандаро дастгирӣ менамоянд. Қобили қайд аст, ки дар назарсанҷиҳои қаблӣ, хусусан дар моҳи сентябр-октябри соли равон шумораи зиёди респондентон реҷаи шинокунандаи танзимшавандаро дастгирӣ менамуданд, вале бо тағйир ёфтани сиёсати асъории Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар моҳҳои охир дахолати Бонки миллии Тоҷикистон ба бозори асъор коҳиш дода шуд, теъдоди зиёди

респондентон тарафдори реҷаи озод шинокунанда гардидаанд. (ниг. диаграммаи 10.).

**_Диаграммаи 10. Ҷавобҳои респондентҳо ҷиҳати муайянкунии реҷаи қурби асъори хориҷӣ нисбати пули миллии сомонӣ (фоиз)_**




Мувофиқи саволи навбатии пурсишнома реҷаи амалкунандаи бозори асъори Тоҷикистон, ки ин реҷаи шинокунандаи танзимшаванда мебошад, ҷавоби респондентон чунин ҷамъбаст гардид *(ниг. ҷадвали 11.).*

**_Ҷадвали 11. Ҷавобҳои респондентон нисбати реҷаи амалкунандаи қурби асъори хориҷӣ нисбати пули миллии сомонӣ (нафар/фоиз)_**

| № | Нишондиҳанда | Шумораи ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҳаҷми умумӣ (бо %) |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Шумораи умумии респондентон** | **90** | **100,0** |
| **2.** | **Айни замон дар Тоҷикистон реҷаи қурби шинокунандаи танзимшаванда амал мекунад, нисбат ба ин реҷаи амалкунанда чӣ фикр доред?** | | |
| | *а.дуруст аст* | *26* | *28,9* |
| | *б.қаноаткунанда мебошад* | *29* | *32,2* |
| | *в.нодуруст аст* | *18* | *20,0* |
| | *г.хуб аст* | *7* | *7,8* |
| | *д.бад аст* | *10* | *11,1* |

**Т**еъдоди 26 нафар ё 28,9 фоизи респондентҳо реҷаи амалкунандаро дуруст мешуморан, 29 нафар ё 32,2 фоиз реҷаи мазкурро қаноатманд меҳисобанд, 18 нафар ё 20,0 фоиз ин реҷаро нодуруст мешуморанд, 7 нафар ё 7,8 фоиз ин реҷаро хуб ҳисобида, теъдоди 10 нафари дигар ё 11,1 фоиз ин реҷаро бад меҳисобанд. *(ниг. диаграммаи 11.).*

**_Диаграммаи 11. Ҷавобҳои респондентон нисбати реҷаи амалкунандаи қурби асъори хориҷӣ нисбати пули миллии сомонӣ (фоиз)_**



**Н**исбати саволи девалватсия кардани пули миллӣ (сомонӣ) респондентон чунин ҷавоб доданд. *(ниг. ҷадвали 12.).*

***Ҷадвали 12. Ҷавобҳои респондентон нисбати девалватсия кардани пули миллӣ (сомонӣ) (нафар/фоиз)***

| № | Нишондиҳанда | Шумораи ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҳаҷми умумӣ (бо %) |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Шумораи умумии респондентон** | **90** | **100,0** |
| **2.** | **Айни замон қисме аз кишварҳо таҳти таъсири бӯҳрони молиявю иқтисодӣ пули миллии худро девалватсия карда истодаанд. Оё Шумо девалватсия кардани пули миллии сомониро дастгирӣ мекунед?** | | |
| | *а. Ҳа* | *35* | *38,9* |
| | *б. Не* | *55* | *61,1* |

**Т**еъдоди 35 нафар ё 38,9 фоизи респондентҳо девалватсия кардани пули миллиро дастгирӣ карданд ва баръакс 55 нафар ё 61,1 фоизи дигар девалватсия кардани пули миллиро зарур нашумориданд.*(ниг. диаграммаи 12.).*

***Диаграммаи 12. Ҷавобҳои респондентон нисбати девалватсия кардани пули миллӣ (сомонӣ) (фоиз)***




Бояд қайд кард, ки нисбати саволи якхела кардани қурби расмии муайянкардаи Бонки миллии Тоҷикистон бо қурби бозорӣ респондентон чунин изброз доштанд. *(ниг. ҷадвали 13.).*

***Ҷадвали 13. Ҷавобҳои респондентон нисбати якхела кардани қурби расмии асъори хориҷӣ ба қурби бозорӣ (нафар/фоиз)***

| № | Нишондиҳанда | Шумораи ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҳаҷми умумӣ (бо %) |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Шумораи умумии респондентон** | **90** | **100,0** |
| **2.** | **Айни замон қурби расмии муайянкардаи Бонки миллии Тоҷикистон аз қурби бозорӣ тафовут дорад. Оё Шумо барои қурби расмиро ба қурби бозорӣ якхела намудан розӣ ҳастед?** | | |
| | *а. Ҳа* | *58* | *64,4* |
| | *б. Не* | *32* | *35,6* |

**Т**еъдоди 58 нафар ё 64,4 фоизи респондентҳо тарафдори якхела кардани қурби расмӣ бо қурби бозорӣ ва 32 нафар ё 35,6 фоизи дигар нисбати якхела кардани қурби расмӣ бо қурби бозорӣ зид мебошанд.*(ниг. диаграммаи 13.).*

*Диаграммаи 13. Ҷавобҳои респондентон нисбати якхела кардани қурби расмии асъори хориҷӣ ба қурби бозорӣ (фоиз)*




Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва бозомӯзии кормандон пешниҳоду дархости респондентонро нисбати фаъолият ва назорати онҳо аз ҷаниби Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин доир ба масъалаи муайянкунии реҷаи қурби асъори хориҷӣ нисбати пули миллии (сомонӣ), якхела кардани қурби расмӣ бо қурби бозорӣ ва умуман вазъи имрӯзаи бозори асъор дар замимаи шарҳи мухтасари таҳлили назарсанҷии мазкур дар ҳаҷми 8 саҳифа оварда шудааст. Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва бозомӯзии кормандон кӯшиш кардкааст, ки ҳама пешниҳоду дархости респондентон бе тағйироту илова ва таҳрир сабт гарданд.

Замима: дар__в.

Бо эҳтиром,
Директори Пажуҳишгоҳи
илмӣ-тадқиқотӣ
ва бозомӯзии кормандон М.Ниёзов

*тел: (44)-600-31-06*